«Тасдиқ мекунам»:
Директори Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ
д.и.ф. Шарифзода Ф.Х.

«_28_» _феврал_ соли 2023

# ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АМИТ

Диссертатсияи Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи «Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Маликова Анзурат Садуллоевна – номзади илми филология, ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ баррасӣ гардида, бо қарори шуъбаи мазкур аз таърихи 18. 01. 2022, протоколи № 1 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АМИТ диссертатсияи номзадии Жумакулов Жамшид Панжиевичро дар мавзуи «Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» бо ширкати муқарризон - доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шозиёева Гулмо Парвонашоевна ва номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Боев Ш. Э. баррасӣ намуд. Пас аз ифтитоҳи Шурои олимон довталаби дараҷаи илмӣ оид ба муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ гузориш намуд. Баъд аз маърузаи диссертант суолу ҷавоб сурат гирифт. Жумакулов Ж.П. ба суоли аъзои шурои олимон, номзади илми филология – С. Мирзоев ҷавоб дод.

Сипас муқаррizи холиси якум – доктори илми филология Шозиёева Г. дар гузориши хеш таъкид намуд, ки мавзуи рисола наву ҷолиб аст. Дуруст аст, ки дар бораи муҳити таърихию адабии замони чағониён ва ҳаёту фаъолияти Мунҷики Тирмизӣ баъзе ишораҳои кутоҳу мухтасаре дар навиштаҳои бархе аз донишмандони ватаниву хориҷӣ зикр шудааст. Аммо то таълифи ин рисола тадқиқоти алоҳида доир ба

ин мавзӯъ ба вуҷуд наомадааст. Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро ба гунаи аввалин таҳқиқоти фарогир доир ба муҳити таърихию адабии замони чағониён ва ҳаёту фаъолияти Мунҷики Тирмизӣ арзёбӣ кардан дуруст мебошад.

Ба таъкиди муқарриз диссертатсия дорои навовариҳои зиёд аст. Аз ҷумла:

1. Мавзуъ бори нахуст дар доираи як рисолаи ҷудогонаи илмӣ баррасӣ гардида, Мунҷики Тирмизӣ ҳамчун шоир мавриди предмети таҳқиқ қарор дода шудааст.
2. Жумакулов Ж. дар пажуҳиши худ аз сарчашмаҳои таърихиву адабии ба асри шоир наздик истифода карда, ки арзиши рисолаи ӯро боло мебарад.

Дар маҷмуъ, комёбӣ ва муваффақиятҳои диссертатсия зиёд буда, аз феҳрасти мақолаҳои муаллиф, ки дар охири рисола ва автореферати он оварда шудааст, маълум мешавад, ки диссертант ба таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти шоир ҷиддӣ пардохтааст. Дар бораи зиндагиномаи Мунҷик дар тазкираҳо ва китобҳои адабию таърихӣ маълумоти пароканда мавҷуданд, ки аксаран якранг ва такрори ҳамдигаранд. Бо ин ҳама, соли таваллуди ӯ дар ҳеч сарчашмае зикр нашудааст ва дақиқ нест. Қадимтарин сарчашмаи дастрас дар бораи Мунҷик "Лубоб-ул-албоб"-и Муҳаммад Авфӣ мебошад. Авфӣ ном, куния, насаб ва тахаллуси шоирро ба гунаи Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад ат-Тирмизӣ ал-маъруф ба Мунҷик сабт кардааст. Муаллифи тазкираи "Хайр-ул-баён" низ номи ӯро Абулҳасан гуфтааст.

Дар мавриди зодгоҳи шоир низ сухани нахустин ба Муҳаммад Авфӣ тааллуқ дошта, нисбаи Мунҷикро ат-Тирмизӣ овардааст. Баъзе муаллифони дигар вожаи Мунҷикро низ номи мавзеъ гуфтаанд. Аз ҷумла, соҳиби "Эҳё-ул-мулук" Мунҷикро номи қаряе дар шаҳри Тирмиз дониста, шуҳрати Мунҷик ва номи ӯро низ ба ҳамин мавзеъ рабт медиҳад. Аммо нигорандаи тазкираи "Хайр-ул-баён" уро хуросонӣ медонад: "...Хуросонист ва ҳоли ӯ аз ашъори ӯ зоҳир аст. Муҳаққақ аст, ки ӯ Сиистонист ва Мунҷик мавзеест дар Сиистон". Эҳсон Шаворибнӣ Муқаддам ин қавли муаллифи "Хайр-ул-баён"-ро рад карда, чунин ақида дорад,ки: "Мунҷик дар оғоз Хуросонӣ ва сипас Сиистонӣ хонда шуда ва баъд номаш маъхуз аз мавзеъе бад-ин ном дар Сиистон дониста шудааст ва ин таноқуз пазируфтани ин қавлро душвор месозад". Ва фарзияи дигареро пеш меорад, то ҷое маънии вожаи "мунҷ"-ро шарҳ дода, ба он як байти шоирро ҳамчун далел зикр мекунад, ки ба ҳакикат наздикӣ дорад: "Вале эҳтимоли дигаре, ки дар бораи номи вай вуҷуд дорад ин аст, ки Мунҷик таркибест аз вожаи "мунҷ" ба маънии занбӯри асал ва пасванди "ик" чунонки худи шоир мегӯяд:

Ҳарчанд ҳақирам, суханам олию ширин,
Оре, асали ширин н-ояд магар аз мунҷ".

Тибқи ахбори сарчашмаҳо Мунҷики Тирмизӣ дар дарбори амир

Абуяҳё Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ ва амир Абулмузаффар Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ (ҳук.370-377) зиста ва эҷод карда, ҳардуи онҳоро мадҳ гуфтааст.

Носири Хусрав ба соҳиби девон будани Мунҷик ишорати сареҳ дорад, вале, мутаассифона, он дар селоби ҳаводиси таърих гум шудааст. Аз мероси бузурги Мунҷики Тирмизӣ, мувофиқи таҳқиқи донишманди эронӣ Эҳсон Шаворибии Муқаддам то имрӯз 436 байт боқӣ мондааст. Ин донишманд ашъори парокандаи Мунҷикро аз тазкираву ҷунгҳо ва луғату фарҳангҳо ҷамъоварӣ намуда, бо номи “Ашъори парокандаи Мунҷики Тирмизӣ” чоп кардааст.

Бо ин ҳама, рӯзгору осори ӯ ношинохта монда ва яке аз шохисаҳои мавриди таҳқиқ қарор гирифтани аҳволу осори Мунҷики Тирмизӣ, ки аз ҷониби Жумакулов Ж. сурат гирифта, ҳамин аст. Диссертант дар таҳлилу баррасии ашъори шоир, хусусан орою ҷаҳонбинии ӯ дар хусуси ахлоқ, ирфон, ишқ ва масоили иҷтимоӣ, ки дар боби дувум матраҳ шудаанд, маҳорати комил дорад. Тавре муаллифи диссертатсия овардааст, воқеъан тазкиранигорон баъзе аз нуктаҳои рӯзгору осори Мунҷики Тирмизиро ситудаанд. Эҳсон Шаворибии Муқаддам ва дигарон ашъори ӯро тамҷид кардаанд. Аммо муҳаққиқи ҷавон кӯшидааст, то дар хусуси аҳволу ашъори шоир андешаҳои тозаву навро дар муқоиса бо иттилооти сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ба миён гузорад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати таҳқиқот диссертатсия аз нақсу камбудӣ орӣ нест. Аз ҷумла, дар муқаддимаи диссертатсия маълумоти умумӣ, яъне давраи таърихӣ бештар баён гардида, ба ҳаёт ва осори Мунҷики Тирмизӣ камтар таваҷҷуҳ шудааст. Дигар ин, ки дар матни диссертатсия дар ду шакл ифода ёфтани номи шоир: Мунҷики Тирмизӣ ва Мунҷик Тирмизӣ (бе бандаки изофӣ) ишора шудааст. Ва дар ҷараёни таҳқиқ ба дастхатҳои ашъори Мунҷики Тирмизӣ таваҷҷуҳ кам шудааст. Ҳамчунин ба таваҷҷуҳи донишмандони тоҷик нисбат ба Мунҷики Тирмизӣ ва иштибоҳҳои имлоӣ, услубӣ ва маъноӣ дар диссертатсия ишора шудааст, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад. Албатта, ин нуқсонҳо ислоҳшаванда буда, аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намегардонанд.

Сипас номзади илми филология, Боев Ш. суханронӣ намуда иброз дошт, ки диссертант Жумакулов Ж.П. мавзуи наверо таҳқиқ намудааст, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик то кунун доир ба зиндагии шоир Мунҷики Тирмизӣ таҳқиқоте дар шакли як диссертатсияи алоҳида сурат нагирифта буд. Таҳқиқи мукаммали ин мавзуъ, ки аз ҷониби диссертант Жумакулов Ж.П. ба итмом расидааст, барои кушодани нуктаҳо ва ҷанбаҳои асосии адабиёти даврони Чағониён низ нақши муҳим дорад. Муаллиф дар кори илмии хеш дар доираи рӯзгору осори шоир, ба вазъи сиёсӣ ва адабиву фарҳангии асрҳои XI-XII низ дахл кардааст. Жумакулов Жамшид Панжиевич таҳқиқоти худро дар асоси китобҳои

назарӣ ва адабии асримиёнагӣ ва осори таҳқиқотии муҳаққиқони ватаниву хориҷии муосир анҷом дода, андешаҳои илмии худро доир ба масоили баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён месозад ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи худро аз рӯи тартиби бобу фаслҳои рисола хулосабандӣ менамояд.

Рисоланигор нахуст аз маълумоти тазкираҳо ва китобҳои адабӣ истифода намуда, осори худи шоирро ҳамчун сарчашмаи боэътимод таъкид сохта, сониян ба мақолаву асарҳои таҳқиқотии алоҳида дар шинохти аҳвол ва хусусиятҳои эҷодиёти шоир такя мекунад. Ӯ дар арзёбии тарҷимаи ҳоли шоир асосан ба "Лубоб-ул-албоб", "Эҳё-ул-мулук" ва "Хайр-ул-баён" такя карда, дар ҳамин замина ба шоири базлагӯй, фасеҳзабон, ҳаззол ва дар мусиқӣ ва задани чанг устод будани Мунҷик таъкид мекунад. Ба андешаи муаллиф нақши донишманди эронӣ- Эҳсон Шаворибии Муқаддам дар гирдоварии ашъори то замони мо расидаи шоир, ки дар маҷмуъ 436 байт буда, 20 байти он мансуб ба Мунҷик аст, муҳим мебошад. Дар анҷоми фасли мавриди назар унвонҷӯ ба ин натиҷа мерасад, ки осори боқимондаи шоир асосан аз мавзуъҳои мадҳ, тағаззул, ҳаҷв, ишқ, шароб, табиат ва ғайра иборат мебошад ва Мунҷики Тирмизӣ суннатҳои шоирони пешин ва ҳамасрашро идома дода, дар ташаккулу таҳаввули мундариҷа ва сохтори шеъри форсии тоҷикӣ саҳми бузург гузоштааст.

Муаллиф бо нақл аз қавли Шафеии Кадканӣ Мунҷикро "дар сувари хаёл намояндаи навъе таҳаввул дар шеъри форсӣ" донистааст. Дар такя ба андешаи донишмандон рисоланигор ба ин натиҷа мерасад, ки ашъори боқимондаи Мунҷик ифодагари сабки хоси ӯ буда, дар он муҳтаво, забон, луғат, баён, воситаҳои тасвир сода, одӣ, заминӣ, ошно ва табиӣ буда, дар маҷмуъ сохтори ҷомеи сабкии осори ӯро ташкил медиҳанд.

Муқарриз дар баробари муваффақиятҳо баъзе нуқсонҳоро низ ишора кардааст. Чунончи: Сохтори рисоларо ба талаботи сохтори намунавии диссертатсия барои самти илмҳои филологӣ мутобиқ намудан зарур аст.

- Аз саҳифаи 14 то саҳифаи 18 иқтибосҳо нисбатан зиёдтар ба чашм мерасад.

- Хуб аст, вақте солҳо аз рӯи солшумории ҳиҷрӣ- қамарӣ оварда мешавад, дар қавсайн ба кадом соли мелодӣ баробар буданашон зикр гардад. Асрҳо низ ҳамчунин.

Инчунин дар рисола ва фишурдаи он баъзан хатогиҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд.

Камбудҳои зикршуда ба ҳеч ваҷҳ ҳусни диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ваислоҳи онҳо барои комил гардидани арзиши илмии таҳқиқ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, вобаста ба тақризи муқарризон - доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи

идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шозиёева Гулмо Парвонашоевна ва номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Боев Ш.Э. шурои олимони Институт нисбат ба ҳусну кубҳи илмии диссертатсияи Жумакулов Ж.П. ба чунин хулоса омад: Диссертатсия ба мавзуи хеле муҳим ва таҳқиқношудаи илми адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Воқеан, кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи рӯзгор ва осори шоири қасидасаро ва ғазалсарои машҳури адабиёти форсии тоҷики Мунҷики Тирмизӣ бахшида шудааст. Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур муаллифи диссертатсия ҳалли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

- муайян кардани вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва адабии муҳити адабии Чағониён дар нимаи дуюми асри X ва ибтидои асри XI;
- нишон додани ҷойгоҳи муҳити адабии Чағониён дар таҳаввули шеъри форсии тоҷикӣ;
- қиёс кардани тамоюлҳои адабии муҳити адабии Чағониён ва Сосониён;
- баррасии осори адабии муҳити адабии Чағониён ва муқаррар кардани ва мухтассоти ҳунарии эҷодиёти ҳамзамонони Мунҷик;
- таҳқиқи рӯзгори Мунҷики Тирмизӣ;
- омӯзиши осори адабии Мунҷики Тирмизӣ:
- таҳлили сохторӣ, сабкӣ ва хусусиятҳои адабии ашъори Мунҷик.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1. Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии Чағониёни асри даҳ ва ибтидои садаи ёздаҳ, маҳдудаи ҷуғрофиёии ин сарзамин, саҳми хонадони Оли Сомон дар ҳифзи арзишҳои бунёдии илму адаби форсии тоҷикӣ. тарбияту ташвиқи адибон ва таҳкими ҳукумати амирони Сомони аз нуктаҳои муҳиммест, ки дар рисола таҳқиқ ва арзёбӣ шуда. махсусиятҳо ва тамоюлҳои асосии инкишофи адабиёти тоҷик ва нақши хонадони Оли Сомон дар пешрафти адабию фарҳангии ин ҳавза мушаххас гардидааст. Воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва тамоюлҳои адабии ин маҳдудаи ҷуғрофиёӣ, ки аз ғарб то Дари Оҳанин, дар шарқ бо Аҳорун. дар шимол бо Суғд ва аз ҷануб бо Қубодиёну Тирмиз ҳамсархад буд, аввалан нақши мусбати ҳуккоми вақтро дар ҳаёти адабию фарҳангӣ муайян кунад, сониян таҳкимбахшандаи тамоюлҳои мусбат дар адабиёти ин давра мебошанд, ки зери таъсири он чеҳраҳои таъсиргузори адабиёт-Мунҷик ва муосирони ӯ зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

2. Таҳаввулоти мусбате, ки дар ин ҳавза дар адабиёти форсии тоҷикӣ, бахусус шеър ба вуҷуд омад, зери таъсири сиёсати инсонпарварона ва адбиётдӯстонаи хонадони Оли Муҳтоҷ сурат гирифта, ба ҷараёни минбаъдаи таҳаввули шеър бетаъсир набудааст. Шоирон дар дарбори амирони Чағонӣ зиндагӣ ва эҷод карда, бо мадади амирон ҳам кифофи маишат менамуданд, ҳам равияи хосси эҷодии худро ташаккул медоданд. Аз санадҳо бармеояд, ки муҳити дарбори Чағониён озодиҳои ҳунариро низ барои шоирон маҳдуд накардааст.

3. Тамоюлҳои мусбати адабии ин давраро фаъолияти адабии Мунҷик ва ҳамзамонони ӯ ташаккул ва таҳаввул бахшидааст, ки пеш аз ҳама баёнгари ҷойгоҳи Мунҷик ва шоирони муосири ӯ, мисли Дақиқӣ, Бадеии Балхӣ, Лабибӣ, Лӯкарӣ, Фаррухӣ ва дигарон дар ташаккули шеъри ин давра мебошад.

**Муҳтавои асосии диссертатсия дар 12 мақолаи муаллиф, ки аз ҷумла 5-тои зерини онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба габъ расидаанд, ифодаи худро ёфтааст:**

**[1-М]. Жумакулов Ж.П. Муҳити адабии Чағониён дар замони Мунҷик / Ж.П. Жумакулов // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмӣ, ISSN: 2308-7420). - 2020. №3. – С. 137-147.**

[2-М]. **Жумакулов Ж.П. Осори Мунҷик ва хусусиятҳои бадеии он / Ж.П. Жумакулов // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмӣ, ISSN: 2308-7420). - 2022. №3. – С. 134-141.**

**[3-М]. Жумакулов Ж.П. Образҳои шоирона дар ашъори Мунҷик / Ж.П. Жумакулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. № 3. 2023. – С. 224-229.**

**[4-М]. Жумакулов Ж.П. Марсияҳои Мунҷики Тирмизӣ / Ж.П. Жумакулов // "Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ" (ISSN 2219-5408)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. № 2 (103). 2023. – С. 103-108.**

**[5-М]. Jumakulov J.P. The Role of. X – XI Centuru Chaganian Litereru Environment in the Persian Language Litereture / J.P. Jumakulov // International Journal of Research. – 2020. - №7 (ISSN: 2348-6848). – P. 21-31.**

[6-М]. Jumakulov J.P. Munjik's legacy and its literal features / J.P. Jumakulov // Academicia. An International Multidisciplinary Research Journal. – 2022. Vol: 10, issue 11. – P. 833-839.

[7-М]. Jumakulov J.P. Poetik images in Munjik's heritage / J.P. Jumakulov // International Scientific Journal ISJ Theoretical and Applied Science Philadelphia USA. - 2021. Vol: 102. – P. 1037-1041.

[8-М]. Jumakulov J.P. Poetiks of Mujik Termizi's poems / J.P. Jumakulov // Asian Journal of Multidemensional Research. ISSN: 2278-4853. - 2022. Vol.11,Issue 10. . – P. 293-297.

[9-М]. Jumakulov J.P. Munjik Termizi and his scientific-literaru heritage / J.P. Jumakulov // European Journal of Interdisciplinary Research and Development. ISSN(E): 2720-5746. – 2022. Volume-10. - P. 322-328.

[10-М]. Жумакулов Ж.П. Термизий шеъриятининг қиёсий таҳлили / Ж.П. Жумакулов // Ислом Тафаккури (ISSN: 2181-9572). - 2022. № 4. – С. 79-83.

[11-М]. Жумакулов Ж.П. Забон ва услуби осори Мунҷики Тирмизӣ / Ж.П. Жумакулов // Илмий ва профессионал таълим жараёнида мулоқот, жамият, фан ва маданиятлар интегратсияси. Халқаро илмий-амалий анжуман. – 2021. Самарқанд, 12-13 ноябр. – С. 335-337.

[12-М]. Жумакулов Ж.П. Назаре ба аҳвол ва осори Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониёни асри X ва ибтидои асри XI / Ж.П. Жумакулов // Армуғони “Ганҷи сухан” (Баёзи муҳаққиқон ва шоирони вилояти Суғд) Ҷилди ҳафтум. Гирдоварӣ ва вироиши номзади илми филология, дотсент Шарифҷон Тоҷибоев. – Хуҷанд: Ношир. – 2022. – С. 385-395.

Қисматҳое аз диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар Конференсияи байналмилалии илмӣ-таҷрибавӣ дар мавзуи «Актуальные проблемы филологии и лингводидактики», (18-19 октябри соли 2019) нахуст дар мавзуи “Бустон” и “Гулистон” Шейха Саади Шерози и проблемы обучения и воспитания в узбекской школе” Донишгоҳи давлатии Славиянии Россия-Тоҷикистон суханронӣ намудааст. Ҳамчунин баъдан, дар донишгоҳи мазкур санаи 29 октябри соли 2020 бо унвони “Мируре ба вазъи адабиёти форсӣ-тоҷикии Чағониён (асри 10 ва ибтидои 11) гузориш ироа намудааст (Душанбе, 2019-2020).

**Навоварии илмии таҳқиқ.** Навоварии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷик паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият, мероси адабӣ ва мазмуну муҳтавои ашъори яке аз симоҳои машҳури адабиёти нимаи дувуми асри X ва аввали асри XI Мунҷики Тирмизӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия зиндагиномаи шоир ва мероси боқимондаи у, хусусан маҳорати шоирӣ, андешаҳои ахлоқӣ, иҷтимоию адабии шоир ва корбасти санъатҳои бадеъӣ дар ашъори Мунҷик дар алоқамандӣ бо тамоюлҳои адабии муҳити адабии Чағониён ва эҷодиёти шоирони муосираш баррасӣ шудаанд. То ба имрӯз дар Тоҷикистон ҳаёту фаъолият ва осори шоир дар шакли як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ нашудааст. Ҳамзамон бо ин, навигарии илмии диссертатсияро нуктаҳои зер ташкил мекунад:

- бори нахуст ҷанбаҳои гуногуни осори адабии Мунҷики Тирмизӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст;
- шахсияти шоир ба ҳайси саромади навъи адабии ҳаҷв дар замони хеш исбот шудааст;
- бори аввал мавзую муҳтаво, ҷанбаҳои бадеӣ, сабку услуби ашъори боқимондаи шоир таҳлилу таҳқиқ гардидааст;
- вижагиҳои ҳунарии шеъри Мунҷик ва ҳамасрони у бо қиёсу муқобила равшан карда шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада барои таҳлилу баррасии масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, махсусан омӯзиши зиндагинома ва баррасии ашъори боқимондаи Мунҷики Тирмизӣ дар робита бо пажуҳиши мероси адабии муҳити адабии Чағониён, сабку хусусиёти бадеъии ашъори адиб мусоидат хоҳанд кард. Диссертатсия барои муҳаққиқоне, ба таҳқиқи ашъори Мунҷики Тирмизӣ ва адабиёти нимаи дувуми асри X ва аввали асри XI мепардозанд, маводи фаровони назарӣ дода метавонад.

Инчунин маводи таҳқиқ метавонад ҷиҳати нигориши таърихи адабиёти форсии тоҷикии дувуми асри X ва аввали асри XI дар мисоли

таърихи адабиёт дар мактабҳои миёнаву олӣ, ҳамчунин чун асоси назарӣ барои эҷоди таърихи ҷомеи адабиёти форсии тоҷикӣ истифода кард, зеро Мунҷик, ҳамасрони ӯ ва муҳити адабии Чағониён, бешак, ифодагари тамоюлҳои хоси инкишофи адабиёти тоҷик ва ташаккулу таҳаввули ҷараёни адабӣ хидмат карда метавонад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд.

Хулоса, вобаста ба дастовардҳои зикршуда ва дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология, Шозиёева Г. ва номзади илми филология Боев Ш. Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ бо қарори № 2 аз таърихи 28.02.2023 рисолаи номзадии Жумакулов Жамшид Панжиевичро дар мавзуи «Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» кори муҳимму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро ба баррасии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-067 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик тавсия менамояд.

**Иштирок доштанд:** аз 15 аъзои Шурои олимон 15 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: “тарафдор” – 15 нафар, “зид” - нест, “бетараф” - нест, қарори №2, аз 28.02.2023.

**Раиси Шурои олимон**,
доктори илми филология,
профессор — Шарифзода Ф.Х.

**Муқарризони холис:**
доктори илми филология,
профессори кафедраи
забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Шозиёева Г. П.

номзади илми филология,
дотсенти кафедраи назария
ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба
номи С. Улуғзода — Боев Ш. Э.

**Котиби илмии Шуро** — Муҳамадхоҷева Р. А.

**Имзоҳои Шарифзода Ф.Х.**
**ва Муҳамадхоҷаева Р.А.-ро тасдиқ мекунам:**
нозири калони кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Нарзикулова Ҳ.М.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21. Тел.: +992 (37) 227-29-07, 221- 70-30,
E-mail: iza rudaki17@mail.ru, http://www. iza.tj
"28" феврали соли 2023

**Имзои Шозиёева Г.П-ро тасдиқ менамоям:**
сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Телефон: (+992) 935-47-78-93
E-mail: gulmoh@mail.ru

**Имзои Боев Ш.Э-ро тасдиқ менамоям:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи
С. Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

Нишонӣ: 734019,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи
Муҳаммадиев 17/6. Тел:
(+992) 935-44-54-50
E-mail:mustafo0612@mail.ru